## Натиҷа

1. Аввалин китоби муқаддаси Ҳинд Ведҳо дорои тасаввуроти фалсафӣ оиди тартиботи ҷаҳонии ягона ва бисёртаркиба, ҷавҳари рӯҳонии том, рӯҳи фардӣ ва ғ. мебошад.
2. Таълимоти динӣ-фалсафии нисбатан машҳури Ҳинди қадим буддизм мебошад. Буддизм самти ахлоқӣ дорад. Ақидаи асосии он озод намудани инсон аз азоб аст.
3. Дар Чини қадим таълимоти Конфутсия хелеривоҷ ёфта буд. Таълимоти он ахлоқӣ-сиёсӣ буда, мақсадии асосии он такмил додани инсон ва ҷамъият мебошад. Ин равия масъалаҳои ҳастиро мавриди баррасӣ қарор надода буд.
4. Даосизм низ яке аз бонуфузтарин таълимоти Чини қадим ба шумор меравад. Аз нуқтаи назари ин таълимот ҳар як ашё, инсон ва ҳато ҷамъият низ дорои роҳи худ –Дао мебошанд.
5. Таълимотҳои динӣ-фалсафӣ, ки дар аҳди Эрони бостонривоҷ ёфтанд, Зардуштия, Монавия ва Маздакия ба шумор мераванд. Мавзӯи асосии таълимоти ин ҷараёнҳо мубориза байни хайру шар ва некиву бадист.

## Саволҳо барои КМДУ:

1. Марҳалаҳои асосии таърихи фалсафаи Ҳиндро шарҳ диҳед.
2. Мақоми Ведҳо дар таърихи афкори фалсафии ҳиндуҳо.
3. Хусусияти фалсафаи ведантӣ.
4. Санкха ва Вайшешика ҳамчун таълимоти фалсафӣ.
5. Таълимоти фалсфии Буддоия.
6. Марҳилаҳои асосии инкишофи фалсафа дар Чини қадим.
7. Таълимоти фалсафии Конфутсия
8. Даосизм ҳамчун таълимоти фалсафӣ.
9. Тафовут байни таълимоти Конфутсия ва Даосизм.
10. Таълимоти Зардуштия
11. Монавия ва маздакия ҳамчун таълимотҳои дуалистӣ